**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023

*Дар давраи ҳисоботӣ бо назардошти вазъи муътадили макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ дар маҷмӯъ тамоюли муътадилро касб намуда, ба талаботҳои мақбул ҷавобгӯ буданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи сеюми соли 2023 меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 23,1 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 11,1 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 2,0 б.ф. кам мебошад. Афзоиши нобаробари сармояи танзимшаванда (22,4 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи (32,9 фоиз) низоми бонкӣ дар ин давра ба кам шудани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) боис гардид. Меъёри К1-3 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,5 б.ф. коҳиш ёфта, ба 18,4 фоиз баробар гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 85,3 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи сеюми соли 2022 ба андозаи 7,2 б.ф. кам мебошад.

***1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ***




***2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)***




[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 85,8 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 5,2 фоиз ва 26,3 фоизро ташкил намуданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 12,1 фоиз дар интиҳои моҳи сентябри соли 2022 то ба 11,3 фоиз дар давраи ҳисоботӣ коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 96,5 фоиз баробар гардид.

Қобили қайд аст, ки пурра ва саривақт ташкил намудани ин фондҳо сарбории хавфи қарзиро ба сармоя маҳдуд месозад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2023 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 5,4 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи сентябри соли 2022 ба андозаи 3,2 б.ф. ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 4,5 б.ф. афзоиш ёфта, мувофиқан 31,8 фоиз ва 45,6 фоизро ташкил намуданд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*